**БАРОИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ, СУЛҲУ ОРОМӢ, СУБОТИ СИЁСӢ, СОЗАНДАГИВУ ОБОДОНӢ, РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДӢ ВА ЗИНДАГИИ ШОИСТАИ МАРДУМ!**

# ҲАМРОЗИ ХАЛҚ

№ 11, (311),
13 июни соли 2018

E-mail: hamrozi-khalq@mail.ru ● www.hhdtkhatlon.tj

НАШРИЯИ КУМИТАИ ИҶРОИЯИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН



## ХОҶАГИДОРИЮ КИШОВАРЗӢ ВА КОРҲОИ ХОНАГИЮ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ ОМИЛИ ПАСТ КАРДАНИ ШИДДАТИ БЕКОРӢ ВА ФАРО ГИРИФТАНИ СОКИНОН БО ШУҒЛ



ГУНОҲҲОИ БУЗУРГИ БАНДАГОНИ КӮЧАК 3



ХОТИРАИ ТАЪРИХИИ МИЛЛАТ БЕДОР МЕГАРДАД 4



БО ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН БА СӮИ ОЯНДАИ ДУРАХШОН 5



ҶАВОНОН ТАКЯГОҲИ БОЭЪТИМОДИ ДАВЛАТУ МИЛЛАТ ҲАСТАНД 6



“РОҲБАЛАДИ БЕҲТАРИН” ДАР КӮЛОБ 8

# ХОҶАГИДОРИЮ КИШОВАРЗӢ ВА КОРҲОИ ХОНАГИЮ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ ОМИЛИ ПАСТ КАРДАНИ ШИДДАТИ БЕКОРӢ ВА ФАРО ГИРИФТАНИ СОКИНОН БО ШУҒЛ



**Абдулло РАҲМОНЗОДА, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон**

Тавре медонем, ҳифзи амнияти озуқавории кишвар дар қатори ҳадафҳои афзалиятноку стратегии давлату ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, ҳамаи захираву имкониятҳо ба ин самт сафарбар гардидаанд.

Бо вуҷуди мушкилоти мавҷуда бо азму талоши мардуми кишвар, аз ҷумла заҳматкашони вилояти Хатлон дар давоми панҷ моҳи соли ҷорӣ рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат ва афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бомаром таъмин гардидааст.

Ёдовар мешавем, ки санаи 1-уми июни соли 2018 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Темурмалики вилояти Хатлон ташриф оварданд.

Дар ин ноҳияи аграрии ҷумҳурӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавзеи Гулободи ҷамоати деҳоти ба номи Бобоюнус дар семинар-машварат оид ба дарав ва захира намудани хошоки чорво иштирок намуданд.

Дар оғози боздид Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз намоишгоҳи чорво дидан карданд. Дар намоишгоҳ 70 сар чорвои калони шохдор, 400 сар чорвои майда ва қариб 50 сар асп ба маърази тамошо гузошта шуда буд. Дар доираи тадбири мазкур, ки мақсад аз он намоиши иқтидори истеҳсолӣ ва имкониятҳои чорводорон буд, хоҷагидорони як қатор шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, аз ҷумла Данғара, Восеъ, Панҷ, Балҷувон, Ш.Шоҳин, Фархор, Ховалинг, Ҳамадонӣ, Муъминобод ва Темурмалик чорвои хушзоти худро, ки аксаран зотҳои элита буда, ба иқлими минтақа мувофиқ карда шудааст, ба намоиш гузошта буданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хоҷагидорон дастур доданд, ки дар баробари афзун намудани саршумори чорво, ба масъалаҳои хушзоткунӣ ва захираи дусолаи хӯроки чорво аҳамияти аввалиндараҷа зоҳир созанд.

Ҳамчунин, санаи 2-юми июни соли ҷорӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарону фаъолон ва сокинони вилояти Хатлон дар ноҳияи Данғара мулоқот анҷом дода, вобаста ба самтҳои афзалиятноки рушди хоҷагидорӣ суханронӣ намуданд. Зимни суханронӣ иброз доштанд, ки: “Мо метавонем танҳо тавассути мунтазам амалӣ кардани як силсила тадбирҳои зарурӣ, пеш аз ҳама, азхудкунии заминҳои нав, ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои партову боир, ба роҳ мондани истифодаи самарабахши замин, ба амалияи доимӣ табдил додани кишти такрорӣ ва аз заминҳои обӣ гирифтани ду-се ҳосил, рушди соҳаи тухмипарварӣ ва дигар тадбирҳои агротехникӣ афзоиши ҳаҷми маҳсулоти кишоварзиро таъмин карда, сатҳи вобастагии бозори дохилиро аз моводи ғизоии воридотӣ сол ба сол паст гардонем”.

Дар ҳақиқат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои нахустини раҳбарии хеш барои баровардани мардум аз фақру камбизоатӣ ба ҳар хонаводаи кишоварзон замин бахшида буд, ки имрӯз ба унвони «Заминҳои президентӣ» шинохта мешаванд. Воқеият нишон дод, ки он рӯзҳо маҳз чунин тадбири сариваќтӣ мардумро аз хатари гуруснагӣ наҷот бахшид.

Имрӯзҳо бошад коршиносон ба ин назаранд, ки заминдорон усулҳои босамар истифода бурдани қитъаҳои замини дарихтиёрдоштаашонро ба пуррагӣ аз худ накардаанд ва ё пурра дар амал татбиқ накарда истодаанд. Инчунин, аксариятамон дар деҳот 8-10 сотихӣ замини наздиҳавлигӣ дорем ва мебояд онҳоро самаранок истифода барем. Агар ба дарахтҳои ҳавлиҳоямон ниҳолҳои хушсифати дурустро ба роҳ монем, аз меваи он на танҳо худ истифода мекунем, балки ба фурӯш баровварда даромади муайян ба даст меорем. Яъне имрӯз вақти он расидааст, ки деҳқониро ба як бахши даромаднокиаш аз ҳама бештар табдил диҳем ва барои ин тамоми имкониятҳо фароҳам оварду шудааанд.

Мо имрӯз бояд дарк намоем, ки ягона роҳи дарёфти кор дар муҳоҷирати меҳнатӣ нест. Ҷойи кор ҳамин заминҳои пеши хонаамон буда, манбаи даромад ин фикр кардаи, роҳҳои баланд бардоштани самаранокии ҳосилро дарёфтан аст.

Даромад аз муҳоҷирати меҳнатӣ бо назардошти рақобати бозори меҳнат дар шароити бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ дигар ҷавобгӯи интизориҳои мардум буда наметавонад. Ин ҳам дар ҳолест, ки дар дунё аз 258 миллион муҳоҷир 227 миллионаш муҳоҷири меҳнатӣ мебошад ва имконияти рақобат хеле маҳдуд аст. Пас, ин муҳоҷирони тахассуси моҳ маҷбур мешаванд ба пасттарину сиёҳтарин корҳо даст зананд, то аҳли хонаводаро ноумед насозанд ва ё аққалан маблағи қарзи чиптаи ҳавопайморо баргардонда, роҳкирои пас гаштанашро фароҳам кунад. Чи азобҳое намекашанд, аммо чун ба Ватан баргаштанд, якбора худро шоху табъро вазир гирифта, дастро ба оби хунук намезананд ва танҳо корашон шикоят аз набудани ҷойи корист. Ин ҳам як навъ “номуси дурӯғин” аст, ки бояд қолабаш шикаста шавад ва ҷомеа дар рӯҳияе тарбия карда шавад, ки аз меҳнат ба тарви худфиребдиҳӣ “ор” ва танбалиро пушти чунин баҳонаҳо пинҳон насозанд.

Чуноне аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд: “Бо мақсади тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи соҳаи сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмиллалӣ, инчунин, ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ пешниҳод менамоям, ки соли 2018 дар кишвар Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон карда шавад”..

Ҷойи зикр аст, ки аз давраҳои қадим шаҳру деҳоти Тоҷикистон бо ҳунарҳои миллӣ ва ҳунармандонаш шӯҳрат дошт ва ин шуҳрат то ҳанӯз побарҷост.

Деворнигораву ёдгориҳои санъати амалии Ҳулбук, Ҳисор, Варахша, Панҷакенти қадим, Шахристон, Тупроққалъа ва ғ. аз дараҷаи баланди санъати амалии ниёгонамон маълумот медиҳанд. Аз қадим шаҳрҳои Тоҷикистон ҳамчун маркази ҳунарҳои мухталиф эътироф гардида буданд. То ҳанӯз кӯчаҳо бо номҳои Чармгарон, Нонбой, Оҳангарон, Заргарон ва ғайра дар гӯшаҳои гуногуни кишвар мавҷуданд. Ҳунарҳо бо ҳаёти анъанавӣ ва урфу одатҳои мардумӣ робитаи зич доштанд. Ҳунармандони моҳир усулҳои бадеиву техникӣ, наққошиҳо, анъанаҳои касбӣ, нозукиҳои ҳунарро ба вуҷуд оварда, онҳоро ҳифз намуда, тавассути шогирдон ба наслҳои оянда интиқол медоданд.

Дастони моҳиру чобуки ҳунармандон дар давоми асрҳои зиёд матоъҳо, зарфҳо, асбобҳои мусиқӣ, қолинҳо, сӯзаниҳо, маснуоти заргарӣ ва дигар намуд маҳсулоти ҳунармандиро тайёр мекарданд. Ҳунарҳои қадимаи ниёгонамон хушбахтона тавассути сулолаҳои ҳунармандон аз насл ба насл гузашта, то замони мо расидаанд.

Анвои корҳои хонагиро метавон шартан чунин қисмат кард:

1. Корҳои хонагие, ки хусусияти фарҳангӣ-бадеӣ доранд (чакандӯзӣ, атласдӯзӣ, рассомӣ, қаламзанӣ, заргарӣ, сохтани асбобҳои мусиқӣ ба таври дастӣ ва ғайра) ;
2. Корҳои хонагие, ки хусусияти меъморӣ доранд (кандакорӣ, хиштрезӣ, мехсозӣ, кулолгарӣ, новасозӣ, сутунсозӣ, ҷевонсозӣ ва ғайра);
3. Корҳои хонагие, ки аҳамияти рӯзмарра доранд (сохтани асбобҳои рӯзгор, абзори асп, анвои оҳангарии ба рӯзгор нигаронидашуда, арғамчинбофӣ, табақу қошуқтарошӣ, сабадбофӣ, муҳрару рафида, сандуқу гаҳворасозӣ ва ғайра);
4. Корҳои хонагие, ки барои кӯдакон ҳамчун бозича пешниҳод мегарданд (лухтакҳо, алвонҷакҳо, тӯбчаҳои аз пашму дигар маҳсулоти табиӣ сохташуда, панҷакҳо, гаҳворачаҳо ва ғайра);
5. Корҳои хонагие, ки хусусияти табобативу истеъмолӣ доранд (истифода аз гулу гиёҳҳо, занбуриасалпарварӣ, маҳсулоти ширии хонагӣ, шириниву мураббоҳои хонагӣ ва ғайра);
6. Корҳои хонагие, ки ҳамчун армуғон пешниҳод карда мешаванд (дастмонаву ҳалқа ва муҳраву дигар ороишоте, ки аз маҳсулоти табиӣ омода шудаанд, ашё, чодарҳо, нақшу мусавваҳо ва дигар ашёи дастсохте, ки ҳамчун нишоне аз Тоҷикистон пешниҳод мегарданд) ва монанди инҳо.

Ба ҳеҷ кас пӯшида нест, ки ҳунарҳои суннатии миллӣ на танҳо мероси таърихиву бадеӣ, балки қисми муҳимми фарҳанги маънавии замони муосир маҳсуб меёбад. Омӯхтан ва эҳё намудани ҳунарҳои бадеӣ имконият медиҳанд муайян намоем, ки то кадом андоза онҳо ба ҳаёти имрӯзаи мо ворид шудаанд, бо табиати маҳал, тарзи зисти мардум, ривоятҳо, расму оин, урфу одат ва ҷашнҳо чӣ робитае доранд. Дар айни замон, эҳёи корҳои хонагӣ шиддати бекориву камбизоатиро паст намуда, рушди бемайлони иқтисодиётро таъмин месозад.

Тавре дар оғози суҳбат гуфтем, кишоварзӣ яке аз соҳаҳои афзалиятнок ба ҳисоб рафта, деҳқонону кишоварзонро мебояд ин нуктаро дарк намоянд, ки вазифаи онҳо ин ғанӣ гардонидани бозорӣ истеъмолист ва ҳамин чиз нақши онҳоро дар татбиқи яке аз ҳадафҳои стратегии давлату Ҳукумати кишвар – ҳифзи амнияти озуқаворӣ муайян менамояд.

Дар ин замина деҳқон метавонад ба фурӯши маҳсулоти деҳқонии худ бе миёнарав машғул шуда, даромадашро боз ҳам бештар кунад.

Дар айни замон деҳқонӣ кори ниҳоят даромаднок аст. Масалан, тибқи маълумотҳои бахши кишоварзии вилояти Хатлон аз 1 га замин аз коштани пахта то ҷамъоварии ҳосили он, ба ҳисоби миёна то 8-9 ҳазор сомонӣ харҷ мешавад. Ҳосили пахта аз заминҳои зархези мо аз 1 га замин камаш то 3 тонна, яъне 30 сентнерро ташкил дода, нархи 1 кг он ба 4,5 – 5 сомонӣ баробар аст. Яъне арзиши пахта аз 1 га замин ба 13500 – 15000 сомонӣ баробар аст, ки фоидаи софи он тақрибан 5-6 ҳазор сомонӣ мебошад. Ин нишондоди камтарин аст.

Ана дар ҳамин 1 га замин агар боз картошка корида шавад, ба ҳисоби миёна 20 тонна ҳосил ғундоштан мумкин, ки агар бо нархи яклухт 3 сомонӣ ҳам нархгузорӣ шавад, 60000 сомонӣ арзиш дорад ва аз ин тақрибан беш аз 40000 сомониаш фоидаи соф аст.

Агар боз маҳсулоти полезӣ кошта шавад, масалан, тарбуз, аз 1 га замини лалмӣ камаш 30-40 тонна ҳосил ғундоштан мумкин, ки ба ҳисоби миёнаи 50 дирам барои як килограм 15-20 ҳазор сомониро ташкил медиҳад ва агар 5 ҳазор сомониашро ҳам харољот ҳисоб кунем 10-15 ҳазор сомонӣ фоидаи соф ба даст меояд.

Дар маҷмӯъ, аз се ҳосил дар 1 га замин чанд маротиб даромади соф гирифтан мумкин аст, ки ин дар баланд шудани сатҳи зиндагӣ ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ нақши калон бозида масъалаи пурра ба ҷойи кор таъмин шудани аҳолӣ низ ҳал карда мешавад.

Инчунин, дар кишвар барои соҳибкорӣ шароитҳои мусоид фароҳам оварда шуда, барои оғози як кори даромаднок, аз ҷумла, хизматрасонии компютерӣ, савдо ва хӯроки умумӣ, мағозаи молҳои омехта, савдои нон ва маҳсулоти нонии хонагӣ ва ғайра маблағи ибтидоии аз 1000 то 10000 сомонӣ кифоя аст, ки инро бо роҳи гирифтани қарзҳои имтиёзнок аз дилхоҳ бонк амалӣ кардан мумкин аст.

Дигар самти афзалиятноки соҳибкориву хоҷагидорӣ ва таъмини мардум ба ғизои арзону босифати табиӣ ин кори занбуриасалпарварӣ мебошад, ки яке аз шуғлҳои даромаднок ба ҳисоб меравад. Зеро 93% кӯҳсор будани кишвар ва пур аз гулу гиёҳҳои шифобахш будани ин кӯҳсор барои парвариши занбури асал шароити хуб фароҳам овардааст. Як оилаи занбур ба ҳисоби миёна 800 сомониро ташкил медиҳад. Дар як мавсим бошад ҳамин як оила занбур камаш 40 килограм ва дар ҳолати хуб омадани мавсим беш аз 100 килограм асал медиҳад, ки ба ҳисоби миёнаи аз 4000 то 10000 сомонӣ фоида ба даст овардан имкон дорад.

Бо назардошти ин ба аҳли ҷомеа тавсия дода мешавад, ки:

-Ба корҳои хонагӣ ва соҳибкориву хоҷагидорӣ бештар рӯ оварда, бо истифода аз мутахассисони соҳа сатҳи зиндагии худро беҳтар гардонанд;

-Ба фарзандон фаҳмонанд, ки аз рафтан ба муҳоҷирати меҳнатӣ ва дар он ҷо ба садҳо мушкилот дучор шуда, ҳатто қурбони дасисаҳои гурӯҳҳои ифротӣ гардидан, беҳтар аст дар Ватани худамон ба соҳибкорӣ, хоҷагидорӣ ва ё дигар кору ҳунарҳои хонагӣ машғул шуда, ҳам ба худу оилаашон ва ҳам ба ҷомеа манфиат биёранд;

-Ҷавононро ба ҳунаромӯзӣ ва истифодаи дурусту самараноки замин ҳавасманд намоянд;

-Ба дарки он расем, ки ҳар як ваҷаб заминманбаи баланд гардидани сатҳи некӯаҳволии мост ва бояд ягон ваҷаб замин бекор намонад ва аз заминҳо то се ҳосил бардошта шавад;

-Боғдорӣ, чорводорӣ, зироатпарварӣ ва парвариши занбури асал барои ҷавонон беҳтарин манбаи ҷойи кор, даромади соф ва зиндагии шоиста муаррифӣ гардад ва ғайра.

Агар мо ба дурустӣ андеша кунем, манбаъи таъсиси ҷойи кор дар Тоҷикистон фаровон аст ва захираҳои моддиву имкониятҳои мавҷуда барои ҳамаи сокинон шароити кору фаъолиятро фароҳам овардааст. Дар баробари кор дар замин ва ё соҳибкорӣ, инчунин як қатор ҳунарҳои мардумӣ ва корҳои хонагӣ мавҷуд мебошанд, ки бо эҳёву рушди онҳо дар ҳар як хонавода, ҷойи кори нав ташкил кардан мумкин аст ва мо ҳизбиён дар ин самт бояд пешоҳангу раҳнамои мардум бошем.

# ГУНОҲҲОИ БУЗУРГИ БАНДАГОНИ КӮЧАК

## *ё худ, сарчашмаи адлу инсоф худи мо ҳастем*

Мо дар умрамон борҳо сари адлу адолати зиндагӣ фикр кардаем ва борҳо шунидаем, ки оё аз рӯи адолату инсоф аст, ки як нафар зиёдтар дораду нафари дигар камтар, яке бой асту дигаре камбағал, яке хушбахтона зиндагӣ мекунаду дигаре қарздору бадбахт, яке дар хонаи сеошёна мезияду дигаре дар ҳуҷраи иҷора мемирад...? Аммо боре фикр кардаем, ки зулми зиндагӣ нисбати золим айни адолат аст? Яъне дар ҳақиқат он чи дар зиндагӣ мебинему мешунавем, айни адолат мебошад. Зеро шахсе, ки дар сарфу харҷи зиндагӣ андоза нигоҳ намедорад, пас дар ниҳоят нисбати худу аҳли оилааш зулм мекунад ва ҳамин тавр гирдоби зиндагӣ нисбаташ бераҳм аст. Мо ин воқеиятҳоро ҳамарӯза дар равиши зиндагӣ дида истодаем ва ҳеҷ иқрор шуда наметавонем, ки рӯзгори нек агар дорем, маҳсули фаросату андешаи солими мост ва агар ба тангдастӣ ҳам афтодем, пас дар ҷое иштибоҳ кардаем. Ба унвони мисол, мо ва Шумо хонандаи ин сатрҳо дар давоми моҳи шарифи Рамазон борҳо шоҳиди ба 200-300 нафар мардум ифтордиҳии шахсоне шудем, ки худашон аз бонку дигар рафиқонашон қарздор ҳастанд ва ё бародару хоҳари камбағале доранд, ки ниёзманди кӯмак аст, ё худ дар хонааш дар як ҳафта шояд як рӯз хонавода рӯи гӯштро бинад... Бале, мо вақте ба хонаи чунин шахсон ба ифторхӯрӣ, ё дар дигар шакл зиёфатхӯрӣ меравем, онро хайр ҳисоб мекунем ва боре ҳам намеандешем, ки ин шахс хайрхоҳ нест, ӯ дар ҳаққи худу хонаводаааш зулм карда истодааст ва мо ҳам золимем, ки ба хотири нафс ин воқеиятро ба ӯ намегӯем. Бо ин ҳама харҷу хароҷоти бемавқеъу бемаънӣ боз баъзеамон аз чархи фалак менолему ба осмон даст баланд карда, илтиҷои файзу баракат ба хонадони "ин бандаи кӯчак"-ро мекунем. Ғофил аз он, ки агар ин "бандаи кӯчак" баъди дуояш боз ба ҳамон гуноҳони бузург, яъне исрофкориву беқадрии неъмат идома диҳад, ҳеҷ гоҳ файзу баракат дарашро намекубад. Дар ҳамин замина боз ҳайрон мешавем, ки чаро савдогарони золим дар арафаи иду ҷашнҳо нархи маҳсулотро мебардоранд? Бале, ин аз рӯи адолат нест, аммо харҷу хароҷоти беҳуда ва харидҳои бебаркаши мо дар арафаи ин иду ҷашнҳо, яъне золимии худамон савдогаронро ба ин зулм моил сохтааст. Пас аз мост, ки бар мост!

Костани файзу баракат низ аз он ҷо сарчашма мегирад, ки баъзеҳо ба маънову мазмуни хайру садақот дуруст сарфаҳм нарафтаанд. Хайр аслан қонеъ намудани талаботи шахси эҳтиёҷманд аст. Дар ҳоле, ки худи шахс ва аҳли оилааш ба чизе эҳтиёҷ дорад, вале он чиз сарфи худнамоиҳо мегардад, пас ин чи гуна хайр аст. Ё худ, нафаре, ки аз касе миқдори муайяни маблағ қарздор аст ва чи аз рӯи виҷдону чи аз рӯи диёнат бояд дар аввалин фурсат қарзи худро адо намояд, ба маъракаороӣ даст мезанад, чи гуна хайр буда метавонад?

Чанде пеш ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади ҳифз ва эҳёи арзишҳои фарҳангиву суннатӣ қабул гардида буд, тағйиру иловаҳо ворид гардид. Тағйиру иловаҳо ба қонуни мазкур барои боз ҳам беҳтар намудани рӯзгори мардум нигаронида шудаанд ва алакай таъсири мусбии он эҳсос мегардад. То ин замон сатҳи худнамоиҳо дар маъракаи тӯй ва дафну азодорӣ, ки хароҷоти он бояд дар роҳи хайр бошад, то ҳадде ба ифрот расида буд, ки писар барои дар ҳаққи падар ё модари марҳумаш хайр кардан аз чанд нафари дигар қарздор мешуд. Яъне мусибати наве дар болои мусибат. Ё худ, идҳои Рамазону Қурбон, ки бояд мояи хушҳоливу хушрӯзӣ бошад, омили қарздор шудану ба ғаму андуҳ нишастани "бандагон"-и номуси дурӯғин мегардид. Сабаби ҳамаи ин дар он буд, ки мо ба пуррагӣ ба моҳияти ин



маросимҳои динӣ дарнарафта будем ва лозим омад тавассути қонуни мазкур ва таҳлилу баррасиҳои донишмандон ин воқеиятро ба дарки ҷомеа расонем. Дар воқеъ, масалан рӯзҳои ид ба хонаи хешону наздикон рафтан ин маънои зиёфатхӯриро надорад. Балки ҳикматаш дар он аст, ки мо аз гузаштагони ин хонавода ёд карда, бо як каф дуо равонашонро шод гардонем. Масрафи мо аз ин хонадон набояд аз як-ду пиёла чою як нола нону халво зиёд бошад ва тадоруки хонадор ҳам бояд ба ҳамин маҳдуд гардад. Яъне ин дастархон бояд бештар хусусияти маънавӣ дошта бошад, на моддӣ. Дар ғайри сурат агар мо ба анвои моддии дастархон аҳамият диҳем, пас инсонияти мо куҷо мераваду фарқи мо (манзарат мепурсам) аз ҳайвонҳои шикампарасти сари охур дар чи мемонад? Ва агар ин анвои болои дастархон моли як ниёзманд бошаду бо маблағи қарз таҳия шуда бошад, пас ҳар ду ҷониб хайр гуфта зулми бузурге дар ҳаққи якдигар кардаем.

Имрӯзҳо хушбахтона бо амалӣ гардидани ин қонун мардум тадриҷан аз анъанаҳои зараровар даст кашида, сарфаву сариштакориро омӯхтанд. Баъд аз гузаронидани маъракаҳои камхарҷ ва беҳтар гардидани вазъи молиявии рӯзгорамон иштибоҳоти гузаштаро ба хубӣ дарк намудаем.

Дарк намудаем, ки барпо намудани маъракаҳои дабдабанок мояи саодату хушбахтии навхонадорону фарзандони онҳо шуда наметавонад. Баръакс чунин харҷҳои беҳуда метавонанд сабаби пайдо гардидани нофаҳмиҳо байни ду оилаи хешшаванда ва ҳатто сабаби хонавайронии фарзандони онҳо гарданд.

Инчунин, қонунҳои миллӣ ба он мусоидат кард, ки минбаъд маъракаҳои номгузорӣ, гаҳворабандон, чиллагурезон, ақиқа, мӯйсаргирони тифл ва дигар маъракаҳои ба таваллуди кӯдак вобаста, инчунин тамоми маросими дафну азодорӣ бе забҳи чорво ва бе додани таом гузаронида мешаванд. Ростӣ, мардум ин қонунро бо хушнудии зиёд қабул карданд. Ба назар чунин мерасад, ки гӯё ботинан онро солҳо боз интизорӣ ҳам мекашиданд.

Ҳамаи мо шоҳид будем, ки то ин вақт аксари мардум бо таассуб ҳатто ҳамин тӯйи хатнаро ба маъракаи серхарҷ табдил дода буданд. Баъзеҳо аз «ҳамсояам қафо намонам» гуфта, қарз карда, хатнасури фарзандашонро мегузаронданд.

Хушбахтона, тавре дар боло зикр кардам, имрӯз имконият фароҳам омадааст, ки падару модарон ба шахсони онҳоро ивазкунанда барои оянда кӯдакон саҳм гузошта, маблағҳои сарфашударо барои ба тарбия ва таълими дуруст фаро гирифтани онҳо дар боғчаю мактаб ва донишкадаҳои олӣ истифода намоянд.

Мутаассифона, тавре борҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардаанд, дар аксар ҳолат вайронкунандагони талаботи қонунҳои амалкунанда шахсони мансабдор, инчунин фарзандону наздикони онҳо буда, берун аз муқаррароти ҷорӣ худсарона маъракаҳои дабдабанок мегузаронанд.

Вобаста ба ин масъала Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз масъулон талаб намуда, дастуру супоришҳои қатъӣ доданд, ки дар мамлакат ҳама гуна маъракаҳо ва ҷашну маросимҳои миллӣ мувофиқ ба талаботи қонун ба роҳ монда шаванд.

Сарвари давлат таъкид карданд, ки минбаъд дар ҳолати аз ҷониби аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони вилоят ва шаҳру ноҳияҳо, хизматчиёни давлатӣ, фарзандон, пайвандон ва хешовандони наздики онҳо такрор шудани қонунвайронкуниҳо татбиқи ҷазо то аз вазифа озод кардани хизматчиёни давлатӣ ва аз макотиби олӣ хориҷ намудани фарзандони онҳо амалӣ мегардад.

Дар ҳамин замина, ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор низ тағйиру иловаҳо пешниҳод гардида, ҷавобгарии онҳо барои вайрон намудани талаботи қонуни танзими анъана ва ҷашну маросимҳо пурзӯр карда шуд. Аз ҷумла, мувофиқи тағйиру иловаҳо ба моддаи 481 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим ҷавобгарии шахсони мансабдор ва шахсони ҳуқуқӣ пурзӯр карда, андозаи ҷарима нисбат ба шахсони мансабдор аз 250-270 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, яъне аз 12500-13500 сомонӣ то 500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё то 25 ҳазор сомонӣ, нисбат ба шахсони ҳуқуқӣ андозаи ҷарима аз 500-520 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, яъне 25 -26 ҳазор то 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё 35 ҳазор сомонӣ баланд бардошта шуд.

Барои дағалона ё такроран вайрон намудани тартиби гузаронидани анъана ва ҷашну маросим низ ҷавобгарӣ пешбинӣ гардида, ба шахсони воқеӣ ба андозаи шашсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё 30 ҳазор сомонӣ, ба шахсони мансабдор ба андозаи ҳаштсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё 40 ҳазор сомонӣ ва ба шахсони ҳуқуқӣ ба андозаи ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё 50 ҳазор сомонӣ ҷарима таъйин карда мешавад.

Тағйиру илова ба қонуни мазкур, бешак, барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва рушди минбаъдаи ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии давлат мусоидат хоҳад кард.

Бо инобати ин, моро, ки имрӯз дар арафаи Иди саиди Фитр қарор дорем ва аз он пас Иди Қурбон аст, лозим аст аз рӯи ақлу заковат ва фитрати баланди инсонӣ рафтор намуда, ҳамчун инсонҳои бомаданияту бомаърифат сарфаву сарриштакорона ин маъракаҳоро гузаронида, хайру садақотро бо роҳи дуруст сафарбар намоем!

**Иди саиди Фитр муборак!**

*Орзу ҲАМИДИЁН*
*мудири шуъбаи таблиғот, иттилоот ва таҳлили кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон*

ДАР РОСТОИ ТАҚВИЯТИ РОБИТА БО МАҲАЛ

# ВУСЪАТИ КОРҲОИ МАЪРИФАТИЮ СИЁСӢ ДАР МАҲАЛ




Бо мақсади шарҳу тавзеҳи суханрониҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони ҷомеаи кишвар ва семинар-машаварати кишоварзони вилояти Хатлон дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии “Сангак Сафаров” бо иштироки и.в раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Балҷувон Мирзоев Исуф мулоқот доир гардид.

Нахуст, Мирзоев Исуф иштирокдоронро бо моҳияти дастуру супоришҳои Пешвои миллат, ки дар мулоқот бо фаъолони кишвар ва семинар-машаваραти кишоварзони вилоятро фаҳмонида, дар идомаи суҳбат самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ-ро мавриди баррасӣ қарор дод. Ӯ афзуд, ки мақсади баргузории мулоқот дар тарғибу ташвиқи сиёсати дурандешонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва татбиқи ҳадафҳои созандаи ҳизб дар маҳал баҳри боз ҳам ободу зебо гардидани Ватани маҳбубамон Тоҷикистони азиз мебошад. Аз ин рӯ, ҳар як узви ҷомеаро месазад, ҷавобан ба хизматҳои беназири Пешвои миллат содиқона кору фаъолият намоянд.

*н. БАЛҶУВОН*

# ХОТИРАИ ТАЪРИХИИ МИЛЛАТ БЕДОР МЕГАРДАД



Дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии «Бойгонии вилоят» бо иштироки мудири шуъбаи кор бо ҷавонони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Бохтар Асадуллозода Ватан доир ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, аз ҷумла мубориза идеологӣ бар зиддӣ терроризм, экстремизм ва пешгирии ҷавонон аз гаравиш ба гурӯҳҳои тундгаро вохӯрӣ баргузор гардид.

Мудири шуъбаи кор бо ҷавонони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Бохтар Асадуллозода Ватан оид ба мубориза идеологӣ бар зиддӣ терроризм, экстремизм ва пешгирии ҷавонон аз гурӯҳҳои ифротӣ ба сухан баромада, қайд намуд, ки дар замони мо, ки пур аз таззод, мушкилот, ихтилофу зиддиятҳост, доир ба афзудан ва густариши экстремизм, фундаментализм, терроризм ва дигар зуҳуроту падидаҳои номатлубу хатарзо зиёд ҳарф мезананд. Ин амалу зуҳурот метавонад, дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон - дар дин, сиёсат, идеология, илм ва ҳатто дар варзиш низ ба миён ояд.

Иштирокдорон қайд карданд, ки дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки мутаассифона дар олами ислом равияҳое низ арзи вуҷуд кардаанд, ки баъзе амалҳояшон ба фитнакориву тафриқаандозӣ равона гардидаанд. Дар ин роҳ танҳо зиракиву ҳушёрии сиёсӣ мебояд.

*ш. БОХТАР*

# ОБ МАНБАИ ҲАСТИИ МАВҶУДОТ ДАР РӮИ ОЛАМ



Бо ташаббуси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Вахш бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" бо хонандагони синфҳои болоии муассисаи таълимии №3-и ноҳия чорабинӣ таҳти унвони "Тоҷикистон манбаи обҳои поку мусаффо" доир карда шуд.

Дар чорабинии мазкур мудири шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Вахш Камолов Сафаралӣ ва мутахассиси шуъба Неъматов Азизулло иштирок намуданд.

Зимни баромад Камолов Сафаралӣ иброз намуд, ки об манбаи ҳаёт, буда, имрӯз дар ҷаҳон бештар аз 1,2 миллиард одам аз норасогии оби нӯшокӣ танқисӣ мекашанд..

*н. ВАХШ*

# МУҲТАВОИ СУХАНРОНИҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ДАРКИ ҶОМЕА РАСОНИДА ШУД



Тибқи нақша-чорабиниҳои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Данғара бо сокинони деҳаи Остонаи ҷамоати деҳоти Лолазори ноҳияи Данғара ҷиҳати ба аҳолӣ расонидани моҳияти дастуру супоришҳо ва таъкидҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар вохӯрӣ бо роҳбарон ва кишоварзонӣ вилояти Хатлон, ки рӯзи 02 июни соли 2018 дар деҳаи Чорсадаи ноҳияи Данғара баргузор гардида буд, доир карда шуд.

Зимни суханронӣ мудири бахши таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Данғара Суфиев Шодмон муҳимияти масъалаҳои дар вохӯрӣ зикргардида, аз ҷумла камбориш омадани фасли зимистон ва баҳори имсола, инчунин эҳтимолияти бармаҳалу сард ва тӯлонӣ омадани зимистони навбатӣ ва дар ҳамин замина омодагии пурра дидан ба чунин вазъият тавзеҳ дода шуд.

Сокинон суханрониҳои масъулинро ҳамаҷониба дастгирӣ карда, иброз доштанд, ки ҳар дастуру супорише, ки аз ҷониби Пешвои миллат ироа гардидааст, сармашқи кору фаъолияти ҳаррӯзаи худ қарор хоҳем дод.

*н. ДАНҒАРА.*

# УРФУ ОДАТИ ГУЗАШТАИ ХЕШРО АЗ ТАЪСИРИ МАНФИИ ЗАМОНИ МУОСИР ЭМИН НИГОҲ МЕДОРЕМ



Тибқи нақшаи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Дӯстӣ дар ташкилоти ибтидоии «Маорифчиён» бо иштироки кормандони масъули ҳизбии ноҳия вохӯрӣ доир гардид.

Масъулин зимни вохӯрӣ бо нафарони дар суҳбат ҳузурдошта, оид ба фарҳанги либоспӯшӣ ва пешгирии тақлид ба фарҳанги бегонаро ба занону бонувон фаҳмонида доданд.

Занону бонувони дар вохӯрӣ ширкатдошта, суханони масъулинро хуб дарк намуда, илова ба суханони онҳо қайд карданд, ки мо баҳри ин миллату давлат ва дар арсаи ҷаҳонӣ баланд бардоштани фарҳанги ниёгони хеш ҳамеша саъю талош хоҳем кард.

*н. ДӮСТӢ*

# БЕМОРИҲОИ СИРОЯТӢ ТАҲДИД БА ГЕНАФОНДИ МИЛЛАТ ҲАСТАНД



Чанде қабл дар партави суханрониҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони ҷомеаи кишвар ба муносибати фарорасии моҳи шарифи Рамазон аз ҷониби намояндагони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия дар деҳаи Даҳанаи ҷамоати деҳоти Даҳана вохӯрӣ баргузор гардид. Дар вохӯрӣ фаъолони деҳа имомҳои масҷиди панҷвақта, падару модарон иштироки фаъолона намуданд. Инчунин, дар вохӯрӣ бо даъвати Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия мудири тиббӣ-машваратии ҷавонони беморхонаи марказии ноҳия Иззатуллоева Сайёра ва директори маркази пешгирӣ алайҳи бемории СПИД Алифов Ҷаҳонбек иштирок ва суханронӣ намуданд.

Нахуст Расулов Маҳмадрасул –мудири шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия доир ба мусоидат намудан барои шароити арзандаи таълиму тарбияи фарзандон, пешгирии паҳншавии бемории СПИД, андешаронӣ намуд. Махсус қайд намуд, ки СПИД таҳдиди ҷиддӣ ба генафонди миллат буда, саломатии ҳар кадоми моро таҳти хатар мегузорад.

*н.ЁВОН*

# САРСАБЗИИ ВАТАН ВА ШУКУФОИИ ДИЁР АЗ ҲАР ЯКИ МО ВОБАСТА АСТ!



Тибқи нақша-чорабинии тасдиқгардидаи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Қубодиён дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии “Матлуботчиён” оид ба баррасии суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо намояндагони ҷомеа кишвар ва оид ба муҳтавои семинар машваρати кишоварзони вилояти Хатлон вохӯрии судманд доир гардид.

Масъулин зимни баррасии суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо намояндагони ҷомеа кишвар ва семинар-машварати кишоварзони вилояти Хатлон инчунин, дар бораи эълон гардидани соли 2018 ҳамчун Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, ривоҷ додани ҳунарҳои мардумӣ боиси беҳбудии сатҳи зиндагонии мардум ва баланд гаштани маърифату маданияти халқи тоҷик дар арсаи байналхалқӣ андешаронӣ намуда, таъкидҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҷиҳати вазъи зудтағйирёбандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ, вазъи мураккаби сиёсӣ дар баъзе кишварҳои олам, ҳолати дастрасии аҳолии сайёра ба неъматҳои моддию сарватҳои табиӣ, таъсири тағйирёбии иқлим ва низоъҳои солҳои охир ба ташаккули дунёи маънавии инсоният сухан намуданд.

*н. ҚУБОДИЁН*

# КИШОВАРЗӢ КАСБИ ДАРОМАДНОК ВА ОМИЛИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДИИ КИШВАР АСТ



Кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Кушониён барномаи пешгирифтаи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлонро, ки соли 2018-ро ҳамчун «Соли тақвияти робита бо маҳал» эълон намудааст дастгирӣ намуда, ташкилотҳои ибтидоии ноҳияро ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ошно гардонида истодаанд.

Кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Кушониён зимни вохӯрӣ дар ташкилоти ибтидоии «Бобои Абдуло», ки воқеъ дар ҷамоати деҳоти Истиқлоли ноҳия ҷойгир шудааст, суҳбати ҳизбӣ гузарониданд. Ҳамзамон, зимни суҳбат Асроров Саидшо, Шукурова Латофат, Шомалангова Миҷгона доир ба ҳадафу мақсад ва аҳамияти тақвияти робита бо маҳал, самтҳои афзалиятноки фаъолияти тарғиботии ҳизб, пешгири аз хатарҳои ҷаҳонӣ муосир, тарбияи ҷавонон дар руҳияи инсондустию меҳанпарварӣ, истифода аз захираҳои бойи маънавии таърихии миллати тоҷик, эҳёи анъанаҳои неку ҳунарҳои мардумӣ, сафарбар намудани аҳоли ба корҳои созандагию бунёдкорӣ равона карда истодаанд, як-як суханронӣ карданд. Ҳамчунин бо саҳмдорони хоҷагии пахтакор оид ба меҳнати ҳалолу гирифтани ҳосили хуб маслиҳатҳои судманд доданд. Зимни вохӯрӣ ба иштирокчиён маводҳои таблиғотии ҳизбӣ дастрас карда шуд.

*н. КУШОНИЁН*

ДАР РОСТОИ ТАҚВИЯТИ РОБИТА БО МАҲАЛ

# РУШДИ ХОҶАГИДОРӢ ОМИЛИ МУҲИМТАРИНИ ҲИФЗИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ!



Вохӯрии навбатии кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Левакант дар деҳаи Боҳтробод-2 ҷамоати деҳоти Гулистон бо сокинони маҳал баргузор гардид.

Дар вохӯрии мазкур муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Левакант Назарова Фароғат ба сухан баромада, оид ба дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки санаи 2 июни соли равон дар семинар-машварати кишоварзӣ дар деҳаи Чорсадаи ҷамоати деҳоти Лолазори ноҳияи Данғара баргузор гардида буд, оид ба масъалаи ҷамъоварӣ, хӯроки чорво барои зимистони дар пешистода ва гирифтани ду се ҳосил аз як замин андешаронӣ намуд.

*ш. ЛЕВАКАНТ*

# ҲХДТ – ТАБЛИҒГАРИ СИЁСАТИ ХИРАДМАНДОНАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ



Дар деҳаи Тутуи ҷамоати деҳоти ба номи Шамсиддин Шоҳини ноҳияи Муъминобод бо истиқоматкунандагони деҳаи мазкур маҷлиси ҳизбӣ баргузор гардид.

Дар маҷлис раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Муъминобод Салоҳиддин Мирзобаротов иштирок ва суханронӣ намуд. Дар маҷлис, шарҳу тавзеҳи мулоқоти Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо аҳли ҷомеаи кишвар, муҳтавои семинар-машварати кишоварзони вилоят, самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, мубориза бар зидди терроризму экстремизм, муқовимат бо коррупсия, тақвият бахшидани робита бо маҳал, рушду равнақ додани ҳунарҳои мардумӣ баррасӣ карда шуданд.

*н. МУЪМИНОБОД*

# ДАСТГИРИИ ЯТИМОН БЕҲТАРИН ХАЙР АСТ



Вобаста ба иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони ҷомеаи кишвар дар арафаи моҳи шарифи Рамазон бо мақсади анҷоми корҳои хайру сахо, дасти ёрӣ дароз намудан ба ятимону маъюбон, оилаҳои ниёзманду барҷомондагон, садақи фитри рӯза, ки яке аз рукни муҳимми моҳи шарифи Рамазон мебошад, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Носири Хусрав Сураё Алиева тасмим гирифт, ки маоши моҳонаи худро дар ин моҳи муборак ба мактаб-интернати ноҳияи Шаҳритуз ба толибилмони ин даргоҳи маърифат барои 100 нафар харҷ карда, ба онҳо дастархони идона орояд.

Чунин иқдомҳои неку хайрхоҳона аз ҷониби ҳизбиёни ноҳияи Носири Хусрав дар арафаи иду ҷашнҳои милливу суннатӣ бори аввал набуда, шахсони эҳтиёҷманду маъюб, ятимону барҷомондагон, собиқадорону оилаҳои ниёзманд дар мадди назари онҳо мебошанд.

*н. Н. ХУСРАВ*

# БОНУВОН НИЗ ДАР ПЕШРАФТИ ҶОМЕА САҲМГУЗОР ҲАСТАНД



Тибқи нақшаи тасдиқнамудаи Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Норак оид ба дастуру ҳидоятҳое, ки аз суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони ҷомеаи кишвар ва иштирок дар семинар-машварати кишоварзони вилояти Хатлон дар ташкилоти ибтидоии “Рӯдакӣ” вохӯрӣ доир карда шуд.

Зимни баргузории вохӯрӣ кормандони масъули Кумитаи иҷрояи шаҳрӣ ва аъзои ситодҳои доимоамалкунандаи таблиғотии ҳизбӣ дар бораи фазилатҳои моҳи шарифи Рамазон, пешгирии исрофу исрофкорӣ, омилҳои сироятшавии ҷавонон ба бемории сироятии ВНМО, пешгирии гароиши ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро, ҳифзи арзишҳо ва фарҳанги миллӣ суханронӣ намуданд. Қайд гардид, ки занон низ метавонанд дар пешрафту шукуфоии Ватан бо роҳи ҳифзи фарҳанги миллӣ саҳми арзанда гузоранд.

*ш. НОРАК*

# СОЛИМИИ МИЛЛАТ АЗ НАСЛИ ОЯНДАСОЗ ВОБАСТАГӢ ДОРАД



Дар радифи баргузории чорабиниҳо бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ таҳти шиори «Пешвои миллат-ҳомӣ ва раҳнамои ҷавонон» бо ташаббуси бахши ҷавонони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия ва намояндагии ТҶҶ «Созандагони Ватан» дар майдончаи варзишии муассисаи таълимии №2-и ноҳия байни муҳассилини синфҳои болоӣ мусобиқаи варзишии футболи хурд баргузор гардид.

Дар ин мусобиқаҳо 11 дастаи варзишӣ байни ҳам қувваозмоӣ намуданд.

Дар оғози мусобиқа роҳбари намояндагии ТҶҶ «Созандагони Ватан» Холов Диловар ба сухан баромада, ба иштирокчиёни мусобиқа муваффақиятҳо орзу намуд.

Аз ҷониби доварон дастаҳои ғолиб муайян гардида, бо Ифтихорнома ва туҳфаҳои хотиравии Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Панҷ сарфароз гардонида шуданд.

Мақсад аз баргузории чунин чорабиниҳои фарҳангиву варзишӣ барои тарғибу ташвиқи тарзи ҳаёти солим ва мустаҳкам намудани дӯстии байни ҷавонону наврасон ва муайян кардани беҳтаринҳо мебошад.

*н. ПАНҶ*

# СОКИНОН АЗ СУХАНРОНИҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ТААССУРОТИ НЕК БАРДОШТАНД



Бо ибтикори Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Темурмалик дар ҳамкорӣ бо Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия бо шумули намояндагони мақомотҳои қудратӣ, ходимони дин ва дигар сохторҳои ҳокимияти маҳаллӣ ҷиҳати ташвику тарғиби суханронии Пешвои миллат дар мулоқот бо намояндагони ҷомеаи кишвар гурӯҳҳои таблиғотӣ ташкил карда шудааст.

Дар доираи ҳамин накша-чорабинӣ дар ҷамоати деҳоти ба номи Лақай Қармишев вохӯрии гурӯҳи корӣ бо қишрҳои гуногуни аҳолӣ доир гашт.

Вохӯриро роҳбари гурӯҳи корӣ-раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Темурмалик Раҷабзода Маҳмадсаид ҳусни ифтитоҳ бахшида, таасуротҳояшро аз ин вохурӣ баён намуд.

Дар ҷамъомад ҳамчунин имомхатиби масҷиди ҷомеи ноҳияи Темурмалик Доробов Абдулвадуд ҳамчун иштирокчии бевоситаи ин мулоқот ва сардори шуъбаи амнияти ноҳия Бедилов Ҳасан дар назди ҳозирин баромад карда, маълумотҳои муффасал доданд.

*н. ТЕМУРМАЛИК*

# ҶАВОНӢ АЙЁМИ ТАШАББУСКОРИСТ



Мулоқоти кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Фархор бо ҷавонони ҷамоати деҳоти Дарқади ноҳия баргузор гардид.

Дар мулоқот раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Алиҷон Назаров оид ба самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар масъалаи ҷаҳоникунонии об, барпо шудани Конференсияи умумиҷаҳонӣ дар мавзӯъи «Пешгирӣ аз терроризм ва экстремизми хушунатомез» дар шаҳри Душанбе, сухан ронд.

Ҳамчунин дар мулоқот оид ба масоили ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, ҳурмати падару модар, эҳтироми арзишҳои миллӣ сухан ронда шуда, аз ҷавонону наврасон баҳри ҷавобан ба ғамхориҳои пайвастаи Пешвои миллат даъват ба амал овард, ки бо дониши хубу аъло ва ахлоқи ҳамидаи инсонӣ тарбия ёфта, барои ободӣ ва рушди минбаъдаи Ватани азизамон азми устувор кунанд.

*н. ФАРХОР*

# БО ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН БА СӮИ ОЯНДАИ ДУРАХШОН



Кормандони масъули Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ Гадоӣ Сайдалиев ва Саидҷалол Ҷалилов бо аъзои ташкилоти ибтидоии ҳизбии «Гулрез» вохӯрӣ доир карданд.

Зимни вохӯрӣ масъулин оид ба суханронии Сарвари давлат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони ҷомеаи кишвар ба муносибати фарорасии моҳи шарифи Рамазон суханронӣ намуда, қайд карданд, ки бахти баланди мост, ки Пешвои муаззами мо пайваста ба таҳлилу тавзеҳи ҷаҳони мураккабу пуртаззод аҳли кишвари маҳбубро ба сӯи ояндаи дурахшон ба дарки масъулияти бузург ҳидоят мекунанд.

Дар охир ба ду нафар аъзои нави ҳизб билетҳои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро ботантана супориданд.

*н. ҲАМАДОНӢ*

ДАР РОСТОИ ТАҚВИЯТИ РОБИТА БО МАҲАЛ

## ҶОМЕА ОЯНДАИ ДУРАХШОНИ ВАТАНРО ДАР ИҶРОИ БАНОМАҲОИ ҲХДТ МЕБИНАД



Дар вохӯрӣ бо мардум дар деҳаи Наврӯзҳои ҷамоати деҳоти Лоҳутӣ ҷамъомадагон атрофи самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон суханронӣ намуданд.

Дар назди мардум раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳия Сафар Халилов, мудири шуъбаи талиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроияи ноҳиявӣ Сайҷалол Сатторов, мутахассиси шуъбаи таблиғот, иттилоот ва таҳлилии Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон Амирзода Аловуддин Курбоналӣ баромад намуданд.

Бо пешниҳод барои роҳандозии сиёсати созандаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар деҳа бо номи «Наврӯзҳо» ташкилоти ибтидоии ҳизбӣ таъсис дода шуд. Бо таклиф ва овоздиҳии ошкоро Қосимов Шарифхон раиси ташкилоти ибтидоии ҳизбӣ интихоб гардид.

*н. ХОВАЛИНГ*

## МАРДУМ БА САРФАВУ САРИШТАКОРӢ РӮ ОВАРДА ИСТОДААНД



Дар ҷамоати шаҳраки Обикиики ноҳияи Хуросон бо иштироки муовини раис-мудири шуъбаи ташкилӣ ва баҳисобгирии Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Хуросон Азизова Сабоҳат ва мудири шуъбаи ҷавонон ва занони Кумитаи иҷроия Подшокулов Парвиз бо аҳли ҷамоатчигии маҳалла вохӯрӣ баргузор гардид.

Дар вохӯрӣ Азизова Сабоҳат оид ба ҳадафҳои барномавии ҳизб, мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо аҳли ҷомеаи кишвар ва самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ суханронӣ намуд.

Дар охир ба иштирокдорон маводҳои таблиғотии ҳизбӣ дастрас карда шуданд.

*н. ХУРОСОН*

## ҲИФЗИ ДАСТОВАРДҲОИ БУЗУРГИ ДАВЛАТУ МИЛЛАТ ВАЗИФАИ ҲАР ЯК ФАРДИ ҶОМЕА МЕБОШАД



Вохӯрии навбатии кормандони масъули Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии "Шуъбаи ҳифзи муҳити зист" баргузор гардид.

Мақсад аз баргузории вохӯрӣ ба дарки ҷомеа расонидани мухтавои дастуру супориш ва ҳидоятҳои Пешвои миллат дар вохӯрӣ бо фаъолони ҷомеа, ки санаи 12 майи соли 2018 доир гардид, арзёбӣ карда шуд. Аз ҷониби масъулин суханрониҳои Роҳбари давлат бо аҳли зиё шарҳу тавзеҳ дода шуда, инчунин оид ба самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ, ҳадафҳои Барномавӣ ва Оинномавии ҳизб, тарғиби тарзи ҳаёти солим, пешгирӣ аз бемориҳои сироятӣ, муқовимат бо коррупсия, рушди ҳунарҳои мардумӣ ва хоҷагидорӣ, тарбияи ҷавонон дар руҳияи баланди ватандӯстиву худогоҳии миллӣ, риояи талаботи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, саҳм гузоштан дар корҳои ободониву созандагӣ баҳри пешрафту шукуфоии Ватан андешаронӣ карданд.

*н. Ҷ. БАЛХӢ*

## ДАСТУРУ ҲИДОЯТҲОИ РАҲНАМУНСОЗИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА МАНФИАТИ ХАЛҚ АСТ



Дар асоси нақшачорабинии Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷайҳун вохӯрии навбатӣ миёни аъзои ташкилоти ибтидоии «Раёсати молия» перомуни амалигардонии дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони ҷомеаи кишвар ба муносибати фарорасии моҳи шарифи Рамазон бо иштироки раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷайҳун Шомаҳмадова Ҷумагул, мутахассиси шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷайҳун Ғаффорова Насимахон, масъулин ва аъзои ташкилоти ибтидоии болозикр доир гардид.

Дар чорабинии мазкур Ҷ. Шомаҳмадова атрофи масъалаи болозикр муфассал суханронӣ намуда, қайд карданд, ки Президенти кишвар, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни баромади худ бо намояндагони ҷомеаи кишвар таъкид доштанд, ки ба масъалаи анҷом додани амалҳои хайру савоб, парҳезу накӯкорӣ, аёдати падару модарони худ, беморону ранҷурон, ятимону маъюбон дасти кӯмак дароз кунанд.

*н. ҶАЙҲУН*



## ҶАВОНОН ТАКЯГОҲИ БОЭЪТИМОДИ ДАВЛАТУ МИЛЛАТ ҲАСТАНД

Бо ибтикори Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ бо қишрҳои гуногун, алалхусус ҷавонони маҳаллаи Ҷомии ҷамоати шаҳраки Абдураҳмони Ҷомии ноҳия вохӯрӣ баргузор гардид, ки дар чорабинии мазкур зиёда аз 250 нафар намояндаҳои қишрҳои гуногуни маҳалла, махсусан ҷавонон иштироки фаъолона доштанд.

Раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ Муҳаммаддовуд Ҳалимов ҷиҳати фаҳмонидани самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон суханронӣ карда, зикр намуд, ки дар Паём масъалаҳои афзалиятноки ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварамон ва сиёсати хориҷии он, шомил шудани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ таҳлилу баррасӣ гардид. Зеро маҳз ҳамин ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ боиси бадбахтии аҳли ҷомеа мегарданд.

*н. А. ҶОМӢ*



## МАҚСАДИ МО ҲИЗБИЁН БО ХАЛҚ ВА ДАР ХИЗМАТИ ХАЛҚ БУДАН АСТ

Бо ташаббуси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин дар деҳаи Анҷироби ҷамоати деҳоти ба номи Нуриддин Маҳмудов бо сокинони деҳаи мазкур вохӯрӣ баргузор гардид.

Дар ин вохӯрӣ раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин Назарзода Толибҷон, мудири шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроия Неъматов Абдуҷаббор ва мутахассиси шуъбаи ташкилӣ ва баҳисобгирии Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин Ҳошимов Абдураҳим иштирок доштанд.

Вохӯриро Назарзода Толибҷон кушода, зимни баромадаш оид ба Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҲХДТ ва масъалаҳои мубрами рӯз, аз қабили терроризм, экстремизм, коррупсия, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир андешаронӣ намуд.

Баъдан, мудири шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин Неъматов Абдуҷаббор ба сухан баромада, оид ба таъсиси ташкилоти ибтидоӣ дар деҳаи мазкур ибрози андеша намуда.

Баъдан Илёсов Бахром ба сухан баромада, фикрҳои намояндагони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳинро таквият бахшида, ҷонибдорӣ кард. Дар қисмати интиҳои вохӯрӣ якчанд нафар сокинони деҳа ба намояндагони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия барои аъзо шудан ба сафи ҲХДТ ва муттаҳид шудан дар ташкилоти ибтидоӣ ариза пешниҳод намуданд.

*н. Ш. ШОҲИН*

## ҶАВОНОН АМАЛҲОИ ТЕРРОРИСТИВУ ЭКСТРЕМИСТИРО МАҲКУМ МЕКУНАНД



Бо афсарону сарбозони қисми низомии 13483 бо иштироки раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Восеъ Рӯзигул Қурбонзода, намояндаи Маркази ВНМО Намозҷони Бахтиёр вохӯрӣ баргузор гардид.

Зимни вохӯрӣ масъулин оид ба пешгирии бемории вируси норасоии маснунияти одам, ба роҳ мондани мубориза бар зидди ин беморӣ ҳамчун вабои аср ва бурдани корҳои тарғиботӣ ҷиҳати пешгирӣ аз бемориҳои сироятӣ ба хотири таъмини солимии ҷомеа суханронӣ намуданд.

Дар вохӯрӣ аъзои намояндагии ТТҶ "Созандагони Ватан" ва аъзои "Ихтиёриён" низ иштирок намуда, барои баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷавонон аз хатари терроризму экстремизм баромад карданд.

Дар охир иштирокдорон иброз доштанд, ки минбаъд низ дар ободиву пешрафти Ватани азизамон ҳаёти осоиштаи мардум, таҳкими сулҳу субот ва Ваҳдати миллӣ саъю талош хоҳанд кард.

*н. ВОСЕЪ*

## МУЛОҚОТИ ПЕШВОИ МИЛЛАТРО СОКИНОН ЯКДИЛОНА ДАСТГИРӢ КАРДАНД



Намояндагони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон Шомуродзода Саидаъзам, Ғафурзода Давлатҷон, Расулов Толиб ва Дилафрӯзи Абдулло бо сокинони деҳаҳои Чоршанбе-1 ва Чоршанбе 3-и ноҳияи Шаҳритуз вохӯрӣ баргузор карданд.

Зимни баргузории вохӯрӣ мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолони ҷомеа, олимон, зиёиён эҷодкор ва ходимони дин дар арафаи моҳи шарифи Рамазон баррасӣ гардид.

Инчунин, дар ин вохӯрӣ оид ба пешгирии ҷавонон аз шомилшавӣ ба гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ, пешгирии ҷиноят ва қонуншиканӣ аз ҷониби ноболиғон, пешгирии занон аз пӯшидани либосҳои ба фарҳанги мо бегона, иҷрои қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳадафҳои созандаи ҲХДТ ва рушди ҳунарҳои мардумӣ андешаронӣ карданд.

Дар охир аз сокинони деҳаҳо даъват ба амал оварда шуд, ки бо риояи қонунҳо бо корҳои созандагию бунёдкорӣ, дароз кардани дасти сахо ба эҳтиёҷмандон, ятимону камбизоатон саҳми худро дар амалисозии сиёсати имрӯзаи Тоҷикистон гузоранд.

*н. ШАҲРИТУЗ*

# ШУУРИ СИЁСӢ ВА ШИНОХТИ МИЛЛИИ ҶАВОНОН

Тоҷикистон давлати ҷавон ва ҷавонон буда, қисми бештари он яъне, зиёда аз 60%-и аҳолиро ҷавонон ташкил менамоянд. Таваҷҷуҳи бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба насли ояндасози миллати тоҷик ба татбиқи бевоситаи сиёсати давлатӣ нисбат ба ҷавонон нигаронида шудааст. Бо ин дастгирию таваҷҷуҳ сахми ҷавонон дар рушди ҷомеа ва иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти сиёсиву иқтисодии мамлакат бо таклифи Пешвои миллат соли 2017 дар кишвар соли ҷавонон эълон гардид. Инчунин, Пешвои миллат қайд намуданд, ки “Ҷавонони мо дар ҳар ҷое, ки бошанд, бояд ҳисси баланди миллӣ дошта, ба Ватан, миллат, давлати соҳибистиқлоли худ ва забону фарҳанги миллии хеш ифтихор намоянд ва барои ҳимояи онҳо ҳамеша омода ва ҳушёру зирак бошанд”.

Маврид ба ёдоварист, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолият сиёсати давлатии ҷавононро ҳамчун масъалаи стратегӣ қабул намуд. Дар заминаи ҳамин сиёсат қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» (13 марти соли 1992) роҳандозӣ гардид. Ин ташаббус, ки дар миёни Иттиҳоди давлатҳои мустақил якумин ба ҳисоб мерафт, бори дигар собит месозад, ки Тоҷикистон ҳамчун давлати иҷтимоӣ дар таҳкими сиёсати хеш ба сиёсати ҷавонон, ки яке аз самтҳои асосию стратегиро дар кишвар ишғол менамуд, саҳмгузорӣ намояд.

Дар ин давра, дар заминаи чунин қонун фаъолияти ҳукумати кишвар дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ба дастовардҳои зиёд ноил гардид. Бахусус, дар раванди фаъолгардонӣ ва маърифатнокии ҷавонон дар роҳи бунёди давлати соҳибистиқлол корҳои назаррас ба анҷом расонида шудааст.

Яке аз ин дастовардҳо ин созмон ёфтани мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон мебошад, ки тамоми фаъолияту ҳамбастагиро бо ҷавонон ҳамоҳанг сохта, доимо дар алоқамандӣ бо онҳо қарор дорад.

Ҳамчунин, яке аз натиҷаҳои мусбӣ дар ин самт комёб гардидан дар таҳкими заминаҳои меъёрию ҳуқуқии сиёсати давлатии ҷавонон ташкил менамояд. Дар кишвар вобаста ба татбиқу афзалиятҳои сиёсати давлатии ҷавонон як қатор асноду санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ аз қабили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», Консепсияи миллии сиёсати давлатии ҷавонон, Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон то соли 2020, Барномаи миллии «Ҷавонони Тоҷикистон», Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстии ҷавонони Тоҷикистон (оғоз аз соли 2002 инҷониб) ва Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (оғоз аз соли 2006 инҷониб) амалӣ гардида, заминаҳои ҳуқуқии ин қишри асосии ҷомеаро мустаҳкам менамояд.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ муқаррар намудани мавқеъ ва меъёри муносибат нисбат ба ин қишри муайяни ҷомеа, ки ояндаи миллатанд тақозои замон мебошад. Тавре гуфтем, Тоҷикистон кишвари ҷавон буда, қувваи асосиашро ҷавонон ташкил медиҳанд, барои ин муайян намудани ҷанбаҳои фаъолияти стратегии ҷавонон мувофиқи мақсад мебошад.

Аз ин рӯ, яке аз ҷиддитарин омили баҳси ҷомеаро дар ин самт баланд бардоштани зеҳни сиёсӣ, худшиносии миллӣ ва меъёри Ватандӯстӣ дар шуур ва тафаккури насли навраси ҷавон ташкил менамояд. Зеро масъалаи шуури сиёсӣ ва шинохти миллии ҷавонон дар раванди таҳкими ваҳдату ягонагӣ ва истиқлолияти кишвар сахми арзандаеро доро мебошанд. Масалан, бархе аз ҷавонон дар натиҷаи сатҳи пасти фарҳанг ва худшиносии миллии хеш ба ҳар корҳои номатлуби сиёсӣ даст мезананд. Аз нозукии ҳиссиёт ва камии таҷрибаашон ҳар гуна равияҳои номатлуб ва душманони миллат истифода намуда, онҳоро қурбони амалҳои номатлуби ҷомеа гардонида, ба нашъамандӣ, муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар ва узвият ба гурӯҳҳои тундгаро, ки ба амнияту суботи ҷомеаи оромамон иснод меоранд, ҷалб месозанд.

Аммо дар ҷомеаи муосири кишварамон сар задани мушкилоти ҳамроҳшавии ҷавонон ба мазҳабу равияҳои бегона, ки ба ҷони миллату хеш хатар меорад,



ҳанӯз ба мушоҳида мерасанд. Чунки баъзе наврасону ҷавонон баъди хатми мактаби миёна барои идомаи таҳсил кӯшиш накарда, аз хизмати ҳарбӣ низ саркашӣ менамоянд, ки боиси бекорӣ ва оқибати ворид шудани онҳо ба чунин равияҳо мегарданд.

Маврид ба ёдоварист, ки дар яке аз мулоқотҳои хеш Пешвои миллат бевосита таъкид намуданд, ки «Ҷавонон бояд сабақҳои истиқлолиятро ҳаматарафа омӯзанд, аз равандҳои солиму носолими сиёсати имрӯз огоҳ бошанд, таърихи гузаштаву ҳозираи халқи худро гаштаву баргашта варақ зананд ва аз Ватан, миллат, забон ва фарҳанги худ ифтихор намоянд». Яъне, сарвари кишвар дар роҳи бунёди давлати соҳибтамаддун ва нигоҳ доштани истиқлолияти давлатӣ нақши ҷавононро хело муҳим арзёбӣ менамоянд ва ҳамин буд, ки то имрӯз бахри худташаккулёбӣ ва рушди ҷавонон тадбирҳои зиёде татбиқ намудаанд.

Аз ин нуқтаи назар, масъалаҳое, ки зикрашон намудем воситаҳои асосии заифгардии меъёри Ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва маданияти сиёсии ҷавонони кишвар буда, монеи муттаҳидгардии онҳо дар ободии ватану миллат мегарданд. Зеро эълону дастгирии соли ҷавонон аз ҷониби ҳукумати кишвар, баҳри мустаҳкамгардонии меъёри ватандӯстӣ, таркиботи андешаи миллӣ ва аз худшиносии миллии насли ҷавони кишвар дарак медиҳад. Баъди истиқлолияти давлатӣ бори нахуст дар таърихи насли ҷавон заминаи воқеии рушди фарҳанги нави сиёсӣ, худшиносии аслии миллӣ ба вуҷуд омад. Шарти асосии бақои давлату Ватан ваҳдат, ҳуввияти миллӣ ва ифтихор аз ин арзишҳо ташкил менамуд. Зеро аз он ҳама арзишҳои волои таърихи гузаштагонамон замина гирифта, насли наврасу ҷавонро бояд чунин тарбия намоем.

Бесабаб нест, ки дар тамоми кишварҳои дунё ҷавонон ба сифати як нерӯи пуриқтидори бунёдкор ва пешбарандаи ҳаёти ҷомеа шинохта ва эътироф шудаанд. Тоҷикистон низ эҳтиёҷ ба тарбияи пурраи ҷавонон дар заминаи таҳкими онҳо дар рушди ифтихори миллиро дорад. Ба ин васила, муттаҳиднамоии ҷавонон дар ин самт омили муҳим барои инкишофи ҷомеаи демократӣ ва роҳи расидан ба ҷомеаи шаҳрвандиро дар кишвар тақозо менамояд.

Дар шароити муосир муносибату дастгириҳои бевоситаи ҳукумат нисбат ба ҷавонон тағйир ёфта, дар марҳилаи гузариш қарор дорад. Зеро он яке аз соҳаи афзалиятнок ва таъсиррасони ҷамеаро муайян сохта, баҳри тараққиёти кишвар ҳамчун қувваи асосӣ ба ҳисоб меравад. Зеро кишвари мо аз лиҳози демографӣ пайваста дар ҳоли рушд буда, аксари аҳолии онро насли ҷавон ташкил менамояд. Аз ин хотир, татбиқи ин сиёсат дорои аҳамияти бузург мебошад. Дар ин бахш тадбирҳои пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пешбурди сиёсат ҷавонон дар раванди бунёди давлати соҳибистиқлол, демократӣ ва ҳуқуқбунёд беш аз пеш асосӣ буда, дар ташаккули шахсияти онҳо нақши умдаву муассир гузоштаанд.

Ба ин маънӣ, яке аз дастовардҳои муҳимми истиқлолияти давлатӣ барои ҷавонон, ин таваҷҷуҳи бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба насли ҷавони кишвар мебошад. Дар тӯли истиқлолият Сарвари кишвар чандин маротиба бо ҷавонон мулоқоти бевосита баргузор намуда, дар он ба масъалаҳои зиёди воқеии наврасону ҷавонон шинос гардида, дар ҳаллу бартараф сохтани он саҳмгузорӣ намудаанд. Дар баробари ин, Пешвои миллат дар ҳама сафарҳои корӣ хоҳ дар хориҷ, хоҳ дар дохили кашвар пайваста бо ҷавонон вохӯриҳо анҷом медиҳад, аз кору пайкор ва мушкилоти ҳаётӣ пурсон шуда, ҷиҳати бартараф гардонидани мушкилоти ҳаётии онҳо ва мусоидат ба рушду такомулёбӣ дар ҷаҳони муосир супоришҳои зарурӣ медоданд.

Аз ҷониби дигар, омехташавии унсурҳои глобализатсионӣ ва омезиш ёфтани фарҳанги бегона, ки дар ҳоли омехташавӣ бо фарҳанги миллӣ доранд, имконияти маҳдуд намудани ҳамаи он арзишҳои миллӣ, бахусус фарҳанги сиёсӣ, худшиносии миллӣ, истиқлолияти миллӣ ва ҳисси миллии ҷавонон дар ин самт гардидааст.

Ба ин васила, дар ҷумҳуриамон баъди ноил шудан ба сулҳу ваҳдат ва оштии миллӣ заминаи мусоид ва муассири беҳдошти солими насли ҷавон ба миён омадааст. Ин омил дар навбати худ ҷиҳати парвариши тарбияи асил ва воқеии ҷавонон шароити комилан мусоидро талаб хоҳад намуд.

Дар баробари ин гуфтаҳо, ҳамасола дар Паёми солонаи хеш Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр менамоянд, ки «Ҳадафи сиёсати давлатии мо дар бахши ҷавонон тарбияи кадрҳо, мутахассисони донишманду соҳибмаърифат, насли дорои ҷаҳонбинии васеъ ва хислатҳои ватандӯстиву ватанпарастидошта мебошад».

Тавре маълум аст, яке аз омилҳои асосии рушди ҳар кишварро дар қатори дигар арзишҳо захираҳои инсонӣ ташкил медиҳад, ки дар ин самт қисмати асосии онро наврасон ишғол намудаанд. Ин омили иҷтимоӣ имкон медиҳад, ки сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун яке аз самтҳои муҳими рушди ҷомеа мавриди баррасӣ қарор дода шаванд. Ба ин бахши сиёсат ҳамчун бахши стратегӣ ва афзалиятноки давлатӣ дар ҳамаи марҳилаҳои рушди ҷомеа бояд таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоянд.

Дар заминаи қонуну санадҳои меъёрӣ дар хусуси ҷавонон ва сиёсати пешгирифтаи давлат дар бахши ҷавонон зарурат пеш омадааст, ки ин қишри ҷомеаро дар рӯҳияи ватанпарастию худшиносӣ, ки воситаи асоси тақвият бахшидани Ваҳдати миллӣ дар ҷомеа аст, тарбия намоем. Аз таҷрибаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ба мо маълум аст, ки ҷавонон дар муттаҳид намудани аҳолӣ, ба эътидол овардани вазъи иҷтимоию сиёсӣ, барқарор ва тараққӣ додани хоҷагии халқ, таҳкими сулҳу ризоияти миллӣ, густариши ҳисси худшиносиву ифтихори миллӣ таҷрибаи муфид ҳосил намудаанд. Зеро Тоҷикистони соҳибистиқлол ба ҷавонони соҳибмаърифат, боистеъдоду лаёқадманд, дорои нангу номуси ватандорӣ ва ифтихори миллидошта ниёз дорад.

*Ш. М. МУСОЕВ ва*
*С. С. САИДУМАРОВ,*
*омӯзгорони ДТТ.*

# “РОҲБАЛАДИ БЕҲТАРИН” ДАР КӮЛОБ




Бо ташаббуси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб ва дар ҳамбастӣ бо ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон “Созандагони Ватан” вобаста ба татбиқи Паёми Пешвои миллат, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати муаррифии таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои неки мардуми тоҷик, ҷалби бештари мардум ба сайёҳӣ, баланд бардоштани сатҳи дониш, истеъдод, малака, забондонӣ ва рушди дигар соҳаҳои хизматрасонӣ озмуни ҳизбӣ таҳти унвони “Роҳбаладии беҳтарин” миёни ҷавонон ташкил ва гузаронида шуд.

Озмуни мазкур як ҳафта давом карда, дар рафти он ҷавонони аз 18 то 30 сола фаъолона иштирок намуданд.

Дар рафти қисмати ҷамъбастии озмун раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб Валиева Саъбагул, котиби ташкилоти ибтидоии ҳизбии “Олимон” Шоҳинов Ҳасан, директори муҷтамаи осорхонаҳои шаҳри Кӯлоб Ҳотам Раҷабӣ Асозода ва омӯзгори Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб Табаров Шерафған иштирок ва суханронӣ намуданд.

Дар рафти ҳамоиш ғолибон ва иштирокчиёни фаъоли озмун бо мукофотҳои молиявӣ пулӣ ва Сипосномаҳои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб қадрдонӣ гардиданд.

Дар охир аъзои ТҶҶ “Созандагони Ватан” аз Коллеҷи санъати шаҳри Кӯлоб бо сурудҳо ва навозишҳои дилнишини худ хотири ҳозиринро болида гардониданд.



# УМРИ УСТОД ДАР ДИЛИ ҲАМСАФОН ҶОВИДОН АСТ!



Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ва дар маҷмуъ кулли ҳизбиёни вилоят нисбати даргузашти мудири шуъбаи матбуот ва иттилооти Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Усмон Солеҳ андуҳгин буда, ба хешону наздикони ӯ сабри ҷамил хоҳонанд.

Марҳум Усмон Солеҳ аз зумраи шахсиятҳое шумурида мешавад, ки тамоми ҳастии худро ба халқу ватани хеш ва тарғиби ҳадафҳои созандаи ҲХДТ бахшид. Мавсуф баъди хатми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон дар рӯзномаҳои «Тоҷикистони Советӣ» (ҳозира Ҷумҳурият) ва «Минбари халқ», “Вахдат” ва дигар нашрияҳои даврӣ кор кардааст. Марҳум як муддат ба ҳайси сардори маркази матбуотии Маҷлиси Намояндагон низ фаъолият намуда буд. Усмон Солеҳ ҳамчун журналист аз истеъдоди баланди эҷодӣ бархурдор буд ва дар мавзӯъҳои мухталифи рӯз гузоришу мақолаҳои ҷолибу хонданӣ менавишт. Метавон гуфт, ки то охирин нафас фидоии кори хеш буд.

Дар зиндагӣ ва муносибат бо дӯстону ҳамкорон бо фурутаниву хоксорӣ ва хушгуфториву беозории худ маҳбубу дидаҳо гардида буд.

Имрӯз ҷояш аз дида ба дилҳо рафт. Рӯҳаш шод бод.



# ҶАҲОН ДАР ЯК ҶУМЛА

► Бар асари таркиш дар кони метал дар қисми шимолу шарқии Ҷумҳурии Халқии Хитой 11 нафар нақбкан ба ҳалокат расида, 9 нафари дигар ҷароҳат бардошт;

► Дар Гватемала шумораи ҳалокшудагон бар асари хуруҷи вулқони Фуэго ба 120 нафар расида, беш аз 300 нафари дигар маҷруҳ шуда, тақдири 200 нафари дигар номаълум боқӣ мемонад;

► Фонди ЮНИСЕФ дар гузориши худ оиди натиҷаҳои таҳлили раванди таҳсили кӯдакон дар Афғонистон маълумот додааст, ки бар асари норомиву ҷангҳо 500 муассисаи таълимии ин кишвар аз фаъолият боз монда, 3 миллиону 700 ҳазор кӯдак аз таҳсил дур мондааст;

► Дар соҳилҳои ҷазираи Кепкентаи Тунис киштие, ки ғайриқонунӣ одамонро интиқол медод, ғарқ шуд, ки бар асари ҳодиса 11 нафар ба ҳалокат расидааст;

► Силоҳбадастони номаълум ба маҳбасхонаи шаҳри Минайни Нигерия ҳамла намуданд, ки дар натиҷа 219 нафар зиндонӣ аз маҳбас фирор карда, аз миёнашон танҳо 30 нафар боздошт карда шудааст;

► Дар ҷазираҳои Гавайи Штатҳои Муттаҳидаи Америка хуруҷи вулқони Килавия 17 манзили истиқоматиро пурра хароб кард;

► Тибқи гузориши созмони ҷаҳонии тандурустӣ ҳамасола дар дунё бар асари истифодаи тамоку 7 миллион нафар ба ҳалокат мерасад;

► Дар шоҳроҳи музофоти Ондои Нигерия наклиёти сабукрав ба автобус бархурд, ки бар асари он наклиёти мусофирбар оташ гирифта, 20 нафар ҳалок шуд;

► Дар Куба туфони Алберто ва боришот обхезиро ба вуҷуд овард, ки дар пайи ин офати табиӣ 4 нафар ба ҳалокат расида, даҳҳо каси дигар захмӣ гардиданд;

► Дар шаҳри Кептаун Ҷумҳурии Африкои Ҷанубӣ ҷинояткори номаълум ҳангоми ҳаракати қатораи мусофирбар ҷониби он зарфи дорои моводи оташгирандаро партофт, ки дар натиҷа як вагони қатора пурра оташ гирифта, 1 нафар ҳалок ва 4 нафари дигар ҷароҳат бардошт;

► Туфон дар минтақаҳои қисми ҷанубии Уммон боиси марги 2 нафар гардида, беш аз 1000 нафар манзилҳои истиқоматиашонро тарк намуданд;

► Дар минтақаи Оромияи Эфиопия ярч фаромад, ки дар натиҷа 27 нафар ба ҳалокат расида, 6 каси дигар ҷароҳат бардошт;

► Дар вилояти Қандаҳори Ҷумҳурии Исломии Афғонистон таркиш рух дод, ки дар натиҷаи ҳодиса 16 нафар ба ҳалокат расида, 40 нафари дигар ҷароҳат

ҲАМРОЗИ ХАЛҚ

Муассис: Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон

Масъули ҷоп: Орзу ҲАМИДИЁН

Ҳайати мушовара: Давлатшоҳ ГУЛМАҲМАДЗОДА, Маҳфират ХИДИРЗОДА, Абдулло РАҲМОНЗОДА

Нашрия таҳти рақами 627 дар Вазорати Фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шудааст.

Тарроҳ: Хусрав МАЗОРИЕВ

Дар нашрия ба хотири ҷандандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки ба мавқеъ ва назари ҳайати эҷодӣ ва КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон метавонанд мувофиқат накунанд ва зимнан идораи нашрия масъулиятро ба дӯш нагирад.

Аксу дархост ва номаҳо ба муаллифонашон баргардонда намешаванд. Ба дурустии далелу арқоме, ки дар номаҳои расида ва эълону рекламаҳо истифода шудаанд, муаллифонашон масъулият доранд.

Суроғаи мо: 735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ-47, тел: 8 (3222) 2-82-92, 2-70-70

Нашрия дар чопхонаи ҶДММ «Шоҳин-С» ба табъ расидааст.



Теъдоди нашр 11400 нусха